# ПРОТОКОЛ № 19

чаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-076 назди Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ

**аз 28 майи соли 2026** **ш. Душанбе**

Ҳозир буданд: аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.07.2024, №222/шд тасдиқ шудаанд, 9 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 4 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Се нафар аз аъзои шурои диссертатсионӣ: Умарахунов Иркин Мирзахидович, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ректори МДТ “Институти такмили ихтисоси Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ӯзбекистон”, ш. Тошканд, Скачкова Галина Семёновна, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи байналмилалии Муассисаи хусусии таълимии «Институти ҳуқуқшиносӣ» (Санкт-Петербург) ва Идизода Файзалӣ Фузайлшоҳ – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи шуро тавассути видеоконференсия иштирок менамоянд (https://us06web.zoom.us/j/83257301346?pwd=wNzCVsnqTq3FT7gBU3e8DKqAQbwbQn.1).

**Раис:** Кворум мавҷуд аст, бинобар ин мутобиқи Низомномаи шурои диссертатсионӣ, шурои диссертатсионӣ ҳуқуқ дорад ҷаласаи худро оғоз намояд. Пешниҳод мешавад, ки ҷаласаи шуро кушода эълон карда шавад. Пешниҳоди дигар ҳаст? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

## РӮЗНОМА:

Ҳимояи диссертатсияи Тоҷиддини Бахриддин дар мавзӯи: «Танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.5.- Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ.

**Роҳбари илмӣ:** Одиназода Рамазон Сафар, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, директори Муассисаи давлатии “Маркази барномаҳои байналмилалӣ”.

**Муқарризони расмӣ**:

**-Сангинзода Дониёр Шомаҳмад**, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини директор оид ба илм ва таълими Институти омӯзиши масъалаҳои кишварҳои Осиё ва Аврупои АМИТ.

**-Шонасридинов Назридин**, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ходими пешбари шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (ш. Душанбе).

Кӣ тарафдори рӯзномаи мазкур аст, овоз диҳед. Тарафдор. Муқобил – нест. Бетараф – нест. Якдилона қабул карда шуд.

**Раис:** Сухан барои эълони маълумоти мухтасар оид ба довталаб ба котиби илмии шурои диссертатсионӣ Маҳмадуллозода Н.Р. дода мешавад.

**(Парвандаи аттестатсионӣ № __)**

**Раис:** Доир ба ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда ва шарҳи ҳоли довталаб ба котиби илмӣ чӣ гуна саволҳо ҳастанд? Савол нест?

Сухан ба довталаб Тоҷиддини Баҳриддин барои баёни муҳтаво ва нуктаҳои асосии диссертатсия дода мешавад.

**Тоҷиддини Баҳриддин**: (баромад мекунад).

**Раис:** Кӣ ба довталаб савол дорад? Марҳамат, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Бобоҷонзода И.Х., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Идизода Ф.Ф., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Неъматов А.Р., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Маҳмадуллозода Н.Р. номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Назарзода Д.Қ.

**Тоҷиддини Баҳриддин**: ба саволҳо ҷавоб медиҳад.

**Раис:** Ба довталаб боз савол ҳаст? Савол нест.

Сухан ба роҳбари илмии довталаб Одиназода Рамазон Сафар дода мешавад (тақриз замима мегардад).

**Раис:** Сухан ба котиби илмии шуро Махмадуллозода Н.Р. барои қироати хулосаи шуъба, тақризи муассисаи пешбар ва тақризҳои ба автореферат воридшуда дода мешавад.

Котиби илмӣ қироат мекунад:

1. Хулосаи шуъба.
2. Тақризи муассисаи пешбар.
3. Тақризҳои воридшуда.

**Раис:** Сухан барои ҷавоб ба эродҳои дар тақризи муассисаи пешбар ва дигар тақризҳои ба автореферат воридшуда ба довталаб дода мешавад.

**Тоҷиддини Баҳриддин**: (баромад мекунад).

**Раис:** Сухан ба муқаррizи расмӣ Сангинзода Дониёр Шомаҳмад, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини директор оид ба илм ва таълими Институти омӯзиши масъалаҳои кишварҳои Осиё ва Аврупои АМИТ дода мешавад.

**Раис:** Сухан барои ҷавоб ба эродҳои муқаррizи расмӣ ба довталаб дода мешавад.

**Тоҷиддини Баҳриддин**: (баромад мекунад).

**Раис:** Аз сабаби онки муқаррizи расмии дуюм Шонасридинов Назридин, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ходими пешбари шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ бинобар сабабҳои узрнок – дар бемористон қарор доштанаш дар ҷалаи имруза иштирок надорад, сухан ба котиби илмии шуро Маҳмадуллозода Н.Р. барои қироати пурраи тақризи муқарриз дода мешавад.

**Раис**: Сухан барои ҷавоб ба эродҳои дар тақризи муқарризи расмӣ овардашуда, ба довталаб дода мешавад.

**Тоҷиддини Баҳриддин**: (баромад мекунад).

**Раис**: Ба муҳокима мегузарем. Мутобиқи низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сухан ба аъзои шуро – мутахассисони соҳаи диссертатсияи ҳимояшаванда дода мешавад. Сухан ба доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Буризода Э.Б., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Нематов А.Р., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Маҳмадуллозода Н.Р. ва доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Скачкова Г.С. дода мешавад. Номбурдагон баромад мекунанд.

**Раис:** Боз кӣ мехоҳад баромад кунад? Марҳамат сухан ба узви шуро номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Идизода Ф.Ф. дода мешавад. Идизода Ф.Ф. баромад мекунад.

**Раис:** Кӣ мехоҳад ҳамчун муқарризи ғайрирасмӣ дар муҳокимаи диссертатсия иштирок намояд? Сухан ба номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Ҷабборов Ф.Н. дода мешавад.

**Раис:** Сухан ба довталаб барои ҷавоб ба эродҳои муқарризи ғайрирасмӣ ва сухани ҷамъбастӣ дода мешавад.

**Тоҷиддини Баҳриддин**: (баромад мекунад).

**Раис:** Бо ҳамин муҳокимаи диссертатсия анҷом ёфт. Ба овоздиҳии пинҳонӣ мегузарем. Барои гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ бояд комиссияи ҳисоб интихоб карда шавад.

Пешниҳод мешавад, ки ба ҳайати комиссияи ҳисоб аъзои шурои диссертатсионӣ Бобоҷонзода И.Х., Нематов А.Р. ва Назарзода Д.Қ. интихоб карда шаванд.

Пешниҳоди дигар нест? Нест. Кӣ тарафдори ҳайати мазкури комиссияи ҳисоб аст, овоз диҳед. Муқобил ва бетараф нест. Якдилона.

Аз комиссияи ҳисоб хоҳиш карда мешавад, ки ба иҷрои вазифаҳои худ шуруъ намояд. (Овоздиҳии пинҳонӣ гузаронида мешавад).

**Раис:** муҳтарам аъзои шуро, ки дар ҷаласа ба таври фосилавӣ иштирок доред, хоҳишмандам мавқеи худро муайян намуда, онро эълон кунед ва инчунин овозатонро тавассути паёмак (СМС) ба котиби шуро ё аъзои комиссияи ҳисоб ирсол намоед.

**Раис:** Сухан барои эълони натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ба раиси комиссияи ҳисоб, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Бобоҷонзода И.Х. дода мешавад.

Протоколи комиссияи ҳисоб қироат карда мешавад.

**Раис:** Кӣ тарафдори тасдиқи протоколи комиссияи ҳисоб аст, овоз диҳед. Тарафдор 9 нафар; муқобил – нест; бетараф нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Ба қабули матни хулоса оид ба диссертатсияи довталаб Тоҷиддини Баҳриддин мегузарем, ки пешакӣ ба аъзои шурои диссертатсионӣ тақсим карда шудааст. Аз ҷониби аъзои шуро чӣ гуна эрод, пешниҳод ва

иловаҳо ҳастанд? Матни хулоса ба асос гирифта шуда, қабул карда шавад.

**Раис:** Кӣ тарафдори хулосаи мазкури шурои диссертатсионӣ оид ба диссертатсия ҳаст, хоҳишмандам овоз диҳед. Тарафдор -9 нафар; муқобил – нест; бетараф - нест. Қарор якдилона қабул карда шуд (хулосаи шурои диссертатсионӣ замима мегардад).

**Раис:** Иҷозат диҳед, ки қарори шурои диссертатсионӣ оид ба ҳимояи диссертатсияи Тоҷиддини Баҳриддин эълон карда шавад.

**ҚАРОР**

шурои диссертатсионии 6D.KOA-076

**28 майи соли 2026** **ш. Душанбе**

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-076 –и назди Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ баромади Тоҷиддини Баҳриддинро шунида, диссертатсия дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.5.- Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ (роҳбари илмӣ: Одиназода Рамазон Сафар, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, директори Муассисаи давлатии "Маркази барномаҳои байналмилалӣ"; муқарризони расмӣ: Сангинзода Дониёр Шомаҳмад, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини директор оид ба илм ва таълими Институти омӯзиши масъалаҳои кишварҳои Осиё ва Аврупои АМИТ; Шонасридинов Назридин, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ходими пешбари шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ; муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ) -ро муҳокима намуда, баромадҳои аъзои шурои диссертатсионӣ – мутахассисони соҳаи диссертатсия: докторони илмҳои ҳуқуқшиносӣ Буризода Э.Б., Нематов А.Р., Маҳмадуллозода Н.Р. ва Скачкова Г.С., баромади узви шуро номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Идизода Ф.Ф., инчунин баромади муқарризи ғайрирасмӣ номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Ҷабборов Ф.Н. шунида, дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи аз ҷониби шуро қабулшуда оид ба саҳеҳият, навгонӣ, аҳамият ва хулосаҳои дар диссертатсия дарҷёфта, инчунин аз рӯйи натиҷаҳои интишоороти муаллифи диссертатсия,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Тоҷиддини Баҳриддин дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 5.5.5.- Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи пешбининамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ,

аз ҷумла ба Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 31 ва 33-35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудаанд, мувофиқат мекунад.

2. Интишо роти довталаб мазмуну муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.

3. Ба Тоҷиддини Баҳриддин дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷонибдорӣ аз қарори шурои диссертатсионӣ ва ба Тоҷиддини Баҳриддин додани дипломи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дархост карда шавад.

Хоҳишмандам мавқеи худро оид ба қарори мазкур муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 9 нафар; муқобил – нест; бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Раҷабов С.А.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Маҳмадуллозода Н.Р.**

**28 майи соли 2026**